**Дониши экологӣ**

Масъалаҳои муҳимми ҳифзи табиат ин тарбияи оммаи васеи аҳолӣ ва дар madди аввал тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи муносибати ғамхорона ба табиат мебошад. Ин дар ҳолате амалӣ мегардад, ки ба ҷавонон моҳияти масъаларо фаҳмонем ва дар васеъ сохтани донишҳо оид ба табиат ва ҳодисаҳои табиӣ кӯшиш намоем. Барои ташвиқоти хусусиву умумии ҳифзи табиат ва захираҳои табиӣ рӯзномаву маҷаллаҳо низ нақши муҳимро мебозанд. Ҳангоми нашр бояд фикру ақидаи олимони пешкадам ва мутахассисони гуногуни соҳа мавриди чоп қарор гирад. Маводҳо бояд дар рӯҳияи тарғибу ташвиқи муносибати ғамхорона ва оқилона нисбат ба захираҳои табиӣ бошад. Ҳамзамон, дар кори васеъ гардонидани ғояҳои ҳифзи табиат нақши муҳиммеро барномаҳои радиову телевизион мебозанд. Дар шароити кунунӣ қариб дар ҳар як хона радио ё телевизион вуҷуд дорад. Бинобар ин, барои беҳтар гардонидани кор барои ҳифзи табиат хуб мешуд, агар аз тариқи радиову телевизион барномаҳои махсус пахш гарданд.

Яке аз роҳҳои ҷиддии кор оид ба ҳифзи табиат ин чоп намудани силсилаи дастуру китоб ва дигар асбобҳои аёнӣ мебошанд. Шахсони боистеъдоде ҳастанд, ки дар мадди аввал намудҳои нодири ҳайвоноту олами набототро тасвир намуда метавонанд. Ин маводҳоро ҳамчун дастур ҳангоми баромади телевизионӣ ва дар давраи ташвиқу тарғиби кор дар навоҳии дурдаст истифода бурдан мумкин аст. Масалан, дар дарсҳои биология пайваста машғулиятҳо оид ба интизоми экологӣ гузаронида мешавад, ки дар ташвиқи маърифати экологӣ нақши муҳимме мебозад.

**М.Зарифова**